Рамазонро бо рӯза гирифтани як ё ду рӯз пеш аз он оғоз накунед, магар он марде, ки одатан ин рӯзҳоро рӯза мегирифт, барои ӯ иҷозат аст рӯза бигирад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Рамазонро бо рӯза гирифтани як ё ду рӯз пеш аз он оғоз накунед, магар он марде, ки одатан ин рӯзҳоро рӯза мегирифт, барои ӯ иҷозат аст рӯза бигирад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ин ки мусалмоне як ё ду рӯз пеш аз Рамазон ба нияти эҳтиёт рӯза бигирад, наҳй кардааст. Зеро фарзияти рӯзаи Рамазон бар дидани моҳи нав вобаста аст ва ниёзе ба зиёдаравии бемаврид нест. Магар касе, ки одатан рӯза мегирифт, мисли як рӯз рӯза гирифтан ва як рӯз ифтор кардан, ё рӯзаи душанбе ва панҷшанбе ва рӯзаи ӯ ба ин рӯз мувофиқ афтода бошад, дар ин ҳолат рӯза гирифтан барои ӯ иҷозат аст. Ин амал ба ҳеҷ ваҷҳ аз боби истиқбол аз Рамазон нест. Инчунин рӯзаҳои воҷиб, монанди қазоӣ ва назр ба он истисно дохил мешаванд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4508